**Шарҳи мухтасари гузориши солонаи Комиссияи Байналмилалии Озодии Дини ИМА барои соли 2009**

Комиссияи Байналмилалии Озодии Дини ИМА (USCIRF ё Комиссия), ки дар соли 1998 таҳти Санади Байналмилалии Озодии Дин (IRFA) созмон дода шудааст, Комиссияи мустақили дуҳизбии ҳукумати ИМА мебошад, ки ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқ ба озодии дин ва эътиқодро дар хориҷа тибқи Эъломияи Умумиҷаҳонии Ҳуқуқи Башар ва дигар олоти байналмилалӣ назорат мекунад ва ба Президент, Котиби Давлатӣ ва Конгресс тавияҳои сиёсӣ пешниҳод мекунад.

Комиссия шомили 10 аъзо буда, дар алоҳидагӣ аз Департаменти Давлатии ИМА амал мекунад. Се узви Комиссияро Президент ва шаш аъзои дигарро роҳбарияти Конгресс таъин мекунад. Сафири Фавқулодда оид ба Озодии Дин дар Ҷаҳон, мақоме дар Вазорати умури хориҷа, ки низ таҳти IRFA созмон дода шудааст, ҳамчун узви ғайрирасмии Комиссия, ки дорои ҳуқуқи раъйдиҳӣ нест, амал мекунад.

Аъзои Комиссия миқдори зиёди малака ва таҷрибаро ба ҷабҳаҳои умури хориҷа, ҳуқуқи башар, озодии дин ва қавонини байналмилалӣ ворид месозанд. Дар тӯли даҳ соли мавҷудияташ, дар ҳайати Комиссия осқофҳои насронӣ, як имоми мусулмон, як фаъоли ҳуқуқи башар ва як раввини яҳудӣ, рӯҳониёни протестант ва коршиносони соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, умури хориҷа ва ғайра, ки мутаалиқ ба мазоҳиби мухталиф, аз ҷумла масеҳиёни ортодокс, мормонҳо, ҳиндувон, буддоиён ва баҳоиён, мебошанд, узвият доштанд. Таҳти раҳбарии онҳо, Комиссия нигарониҳоеро дар мавриди ҳолатҳои вайронкунии озодии дин, ки ба доираи васеи масъалаҳо, кишварҳо ва эътиқодот таъсир мегузоштанд, матраҳ сохт. Масалан, Кумиссиюн дар Бирма аз ҷониби буддоиён, дар Бинғола аз ҷониби ҳиндувон, дар Арарбистони Саудӣ аз ҷониби мусалмонони шиа, дар Венесуэла аз ҷониби яҳудиён, дар Покистон аз ҷониби аҳмадиён, дар Чин аз ҷониби мусулмонони ӯйғур, дар Судон аз ҷониби насрониён ва дар Эрон аз ҷониби баҳоиён кор бурдааст.

Гузориши Солона вазъии озоди дин ё эътиқодро дар кишварҳои мавриди нигаронии Комиссия қарорёфта тавсиф мекунад ва тавсияҳои сиёсие таҳия мекунад, ки бахри ба қисми ҷудоинопазири сиёсати хориҷии ИМА табдил ёфтани пешбурди озодии дин ё эътиқод мусоидат мекунанд. Гузориши Солона шомили бобҳо дар бораи кишварҳое мебошад, ки онҳоро бинобар вайронкунии шадиди озодии дин Комиссия ба Котиби давлатӣ ҳамчун «Кишварҳои Мавриди Нигаронии Махсус» (КМНМ) тибқи IRFA тавсия мекунад; дар кишварҳое, ки аз ҷониби Комиссия ба Рӯйхати Назоратӣ дохил карда шудаанд, вайронкунии озодии дин аз меъёри КМНМ камтар аст, аммо бояд мавриди тавҷҷӯҳ қарор гирад; ва дигар кишварҳое йастанд, ки онҳоро Комиссия зери назорати вижа гирифтааст. Гузориши пурра дар www.uscirf.gov дастрас аст.

Гузориши Солонаи 2009 давраи аз моҳи маи соли 2008 то моҳи апрели 2009-ро дар бар мегирад.

**Кишварҳои Мавриди Нигаронии Махсус**

IRFA ба Котиби Давлатӣ дастур медиҳад, ки бо супориши Президент «Кишварҳои Мавриди Нигаронии Махсус» ё «КМНМ»-ро муайян намояд, ки ба онҳо кишварҳое мансубанд, ки ҳукумати онҳо дар вайронкунии «махсусан шадиди» озодии дин даст доштаанд ё онро таҳаммул кардаанд. IRFA вайронкуниҳоеро «махсусан шадид» тавсиф мекунад, ки «мунтазам, бардавом ва ошкоро» мебошанд, аз ҷумла чунин амалҳо ба монанди шиканҷа, боздошти дарозмуддат бе пешниҳоди иттиҳом, нопадидшавӣ ё дигар гуна «маҳрумсозии ошкоро аз ҳуқуқи шахсият ба ҳаёт, озодӣ ва амният». Пас аз он ки кишвар ҳамчун КМНМ эътироф мешавад, тибқи қонун президент ӯҳдадор аст ки алайҳи вайронкуниҳо тавассути дидани чораҳои дар IRFA муқарраршуда муқобилият нишон диҳад.

Дар моҳи январи соли 2009, Департаменти Давлатӣ ба сифати КМНМ дубора худи ҳамон 8 кишвареро эътироф кард, ки дар моҳи ноябри соли 2006 ба сифати КМНМ шинохта шуда буданд: Бирма, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ), Эритрея, Эрон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Арабистони Саудӣ, Судон ва Ӯзбекистон. Департаменти Давлатӣ қарор дод, ки аз ҷустани ҳама гуна чораҳо алайҳи Ӯзбекистон ба муддати 180 рӯз ва алайҳи Арабистони Саудӣ ба мӯҳлати номаҳдуд даст кашад, ки дар ҳарду ҳолат ҳам ҳадаф «мусоидат ба мақсадҳои Санад (-и Байналмилалии Озодии Дин)» аст.” Дар натиҷаи чунин дасткашӣ, Иолоти Муттаҳида ҳеҷ гуна вокуниши сиёсӣ нисбати вайронкуниҳои махсусан шадиди озодии дин дар ҳардуи ин кишварҳо нахоҳад нишон дод.

Дар тӯли ин давраи гузоришӣ, Комиссия тавсия медиҳад, ки Котиби Давлатӣ 13 кишвари зеринро ҳамчун КМНМ эътироф кунад: Бирма, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ), Эритрея, Эрон, Ироқ,[1] Нигерия,[2] Ҷумҳурии Мардумии Чин, Арабистони Саудӣ, Судон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Ветнам.

Комиссия инчунин кишварҳои ба Рӯйхати Назоратӣ дохилшударо номбар мекунад, ки он ба лузумияти назорати вижа аз болои вайронкуниҳои шадиди озодии дин, ки ҳукуматҳои ин кишварҳо дар онҳо даст доранд ё онҳоро таҳаммул мекунанд, аммо ба меъёри КМНМ ҷавобгӯ нестанд, асос ёфтааст. Ин кишварҳо мавриди таваҷҷӯҳи хосса қарор мегиранд ва дар баъзе мавридҳо, Департаменти Давлатӣ ва созмонҳои серҷониба нисбати онҳо чораҳои дипломатӣ меандешанд. Дар давраи гузоришии ҷорӣ Рӯйхати Назоратии Комиссия кишварҳои Афғонистон, Белорус, Куба, Миср, Индонезия, Лаос, Русия, Сомали, Тоҷикистон, Туркия ва Венесуэларо дар бар мегирад.

---

[1] Ҳангоми тасдиқи гузориши Комиссия дар бори Ироқ, аъзо Комиссия Кромати, Эйд, Лэнд ва ва Лео бо тавсияи Комиссия розӣ нашуданд ва хулоса бароварданд, ки Ироқ дар Рӯйхати Назорати Комиссия боқӣ монад.

[2] Узви Комиссия Кромати бо тавсия оид ба шинохтан ҳамчун КМНМ розӣ нашуд ва хулоса баровард, ки Нигерия дар Рӯйхати Назорати Комиссия боқӣ монад.

**Нигарониҳои Комиссия дар <u>Тоҷикистон</u>**

Тайи чанд соли ахир вазъи озодии дин дар Тоҷикистон ба таври назаррас бад шудааст. Гарчанде ки тибқи сарқонуни кишвар Тоҷикистон кишвари дунявӣ мебошад ва он озодии дин ё эътиқодро пешбинии мекунад, қонунҳо ва сиёйсати давлати Тоҷикистон нисбати ин ҳуқуқ маҳдудиятҳои бузурге эҷод мекунанд. Талошҳои ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи таҳти назорат гирифтани амалияи динӣ ба мусулмонон таъсири номутаносиб дорад, ва мақомоти давлатии Тоҷикистон созмонҳоеро ҷудо мекунанд, ки «зери таъсири беруна қарордошта» ҳисоб меёбанд.

Гузашта аз он, дар моҳи марти соли 2009 қонуни нави шомили маҳдудиятҳои шадид оид ба дин қабул шуд ва аз ҷониби президент Эмоммалӣ Раҳмон имзо шуд. Бинобар пастравии назаррас дар эҳтиром ва ҳимояи озодии дин ё эътиқод дар Тоҷикистон, дар соли 2009 Комиссия тасмим гирифт, ки кишвар бояд ба Рӯйхати Назорати он дохил карда шавад. Гарчанде ки вазъи озодии дин дар Тоҷикистон ба дараҷаи барои расман ҳамчун кишвари мавриди нигаронии махсус тавсиф кардани он нарасидааст, бо назардошти табиат ва андозаи вайронкуниҳое, ки ҳукумт дар онҳо даст дорад ё онҳоро таҳаммул мекунад, назорати иловагиро талаб мекунад.

Тибқи қонуни нави Тоҷикистон дар бораи дин шумораи барои ба қайд гирифтан зарурӣ то 400 нафар зиёд карда шудааст; таълими динии хусусӣ манъ карда шудааст; қабули дини нав манъ аст; ва созмонҳои динӣ наметавонанд дар фаъолияти сиёсӣ иштирок варзанд. Оппозитсияи сиёсии Тоҷикистон, ходимони мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони гурӯҳҳои мазҳабии камшумор ва ҷомеаи байналмилалӣ, аз он ҷумла Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва Комиссияи мазкур нисбати як идда паҳлӯҳои қонун дар раванди баррасии он изҳори нигаронӣ карда буданд. Дар моҳи марти соли 2009, Сухангӯи Махсуси Созмони Милал оид ба Озодии Дин ё Эътиқод ба Шӯрои Ҳуқуқи Башари СММ иттилоъ дод, ки ӯ нисбати қонуне, ки ахиран аз ҷониби парлумони Тоҷикистон ба тасвиб расидаст, нигаронии зиёд дорад. Вай ҳушдор дод, ки он метавонад боиси маҳдудияти аз ҳад зиёди ҳуқуқҳои ҷомеаи диндорон гардад ва барои фаъолияти динии аққалиятҳо ба таври ғайри қобили қабул монеа эҷод кунад. Шӯрои Машваратии Коршиносони САҲА ои ба Озодии Дин ё Эътиқод низ чунин мешуморад, ки баъзе меъёрҳои ин қонун ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нестанд.

Бо вуҷуди он, дар санаи 26 марти соли 2009 Президент Эмомали Раҳмон қонуни навро дар бораи дин ба имзо расонд. Ба ақидаи Форум 18, қисматҳои шомили мушкилоти қонун инҳоянд: пешгуфтори он нақши махсуси мазҳаби Ҳанафии дини исломро дар фарҳанги тоҷикон қайд намуда, аҳамияти анъанаҳои равияи шии исмоилияро сарфи назар мекунад; он созмон додани масҷидҳои навро, аз рӯи шумораи сокинони маҳалл маҳдуд мекунад; он дахолати давлатро ҳангоми интихоби имомҳо иҷозат медиҳад (дигар динҳо дар таъин кардани пешвоёни худ озоданд); ва ҷойҳои ибодатро бо масҷидҳо, манзили зист ва қабристонҳо маҳдуд мекунад. Гузашта аз он, дар ҳоле ки ҳар як масҷид метавонад

синфҳои омӯзиши Қуръон дошта бошад, дар оянда Вазорати фарҳанг танҳо ба масҷидҳои марказӣ барои ин иҷозатнома хоҳад дод.

Қонуни нав инчунин талаб мекунад, ки муассисони қонунии созмони динӣ ҳангоми муроҷиат оиди бақайдгирӣ бояд аз мақомоти давлатии маҳаллиашон ҳуҷҷате пешниҳод намоянд, ки онҳо дар тӯли панҷ соли охир дар он маҳал зиндагӣ кардаанд ва ба он дин пайравӣ мекарданд. Ҳоло ҳукумат бояд ҳама гуна адабиёти динии нашршударо тасдиқ кунад ё миқдори адабиёти динии воридотшавандаро мувофиқа кунад. Барои иштироки кӯдакон дар таҳсилоти динӣ иҷозати ҳарду волидон талаб карда мешавад. Полис аллакай кӯшиш мекунад, ки бачагонро аз рафтан ба масҷид боздорад ва возеҳ нест, ки оё иштироки бачагон дар маросими динӣ иштирок дар таҳсилоти динӣ маҳсуб мешавад ё на. Барои ба кишвар даъват намудани хориҷиён ё иштирок дар конфаронсҳои динӣ берун аз қаламрави кишвар, созмонҳои динӣ бояд розигии Кумитаи корҳои дини Вазорати фарҳангро бигиранд. Изҳороте, ки аз ҷониби муовини Вазири фарҳанг пас аз қабули қонуни нав карда шуданд, боиси пайдо шудани саволҳо нисбати он, ки оё барои намудҳои муайяни  фаъолият, ба мисли таҳсилот, чопи адабиёти мушаххас ё даъват намудани шаҳрвандони хориҷӣ бо мақсадҳои мазҳабӣ, Кумитаи корҳои дин бояд иҷозат диҳад ё танҳо иттилоъ дошта бошад.

Собиқ Муфтии кулли кишвар Акбар Тӯраҷонзода, ки узви барҷастаи Ҳизби Наҳзати Ислом мебошад ва лоиҳаи алтернативии нисбатан либералии қонун дар бораи динро пешниҳод карда буд— қонуни наврo дар он замина, ки он ҳуқуқҳои мусулмонон ва ғайримусулмононро шадидан маҳдуд мекунад, маҳкум кард.

Гуфта мешавад, ки дар дунболи ин тазаккурот Тӯраҷонзодаро аз воситаи нақлиёти хидматияш маҳрум кардаанд, ки бо сабаби маъюбии сахт ӯ аз он нақлиёт вобастагии зиёд дошт ва пасон ӯ ваколати хешро дар парлумони Тоҷикистон қатъ кардааст. Гурӯҳҳои камшумори мазҳабӣ нигаронихои шабеҳро нисбати таъсири ин қонун ба озодии дин ё эътиқод баён кардаанд.

Дар соли 2008, Департаменти Давлатӣ иттилоъ дода буд, ки ҳукумати Тоҷикистон кӯшишҳои худро барои таҳти назорат қарор додани амалан ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти мазҳабӣ тавсеа бахшидааст ва амалдорони давлатӣ гурӯҳҳо, муассисаҳо ва симоҳои диниро таҳти назорати амиқ қарор додаанд. Қонуни нав дар бораи дин, мисли пешина,  то ба ҳол аз ҷомеаҳои мазҳабӣ талаб мекунад, ки дар Кумитаи корҳои дини (ККД) Вазорати фарҳанг сабти ном шаванд. Гузашта аз он, Қонун дар бораи танзими расму оинҳои миллӣ, ки гӯё бо мақсади пешгирии сарфи беҳудаи пул аз ҷониби аҳолӣ жабул шудааст, ҷашну маросимҳои шахсиро ба танзим медарорад. Қонун, инчунин тарзи гузаронидани ҷашну маросимҳои шахсиро маҳдуд мекунад, аз ҷумла он маросимҳое ки аҳамияти динӣ доранд, ба мисли ҷашнҳои арӯсӣ, маросими дафн ва мавлуди пайғамбар Муҳаммад.

*Мусулмонон*

Ҳукумат бисёре аз масҷидҳо ва хонаҳои ибодатгоҳи дар қайд набударо бастааст ва дар ҳоле ки он одатан ба дубора кушода шудани онҳо иҷозат медиҳад, дар солҳои 2007-2008 барои вайрон кардани се масҷиди дар қайд набуда дар пойтахти кишвар Душанбе амр кардааст. Ҳукумати Тоҷикистон танҳо як масҷиди ҷомеъро (барои гузорандагони намози ҷумъа) ба сари ҳар 15 000 аҳолӣ дар ҳар минтақаи ҷуғрофӣ иҷозат медиҳад. Инчунин, ҳукумат интихоб ва нигоҳ доштани имомҳоро ба таври ғайримустақим – тавассути гузаронидани аттестатсияҳо ид ба таълимот ва суннатҳои исломӣ - назорат мекунад. Илова бар он, ҳукумат шумораи одамони озими ҳаҷро назорат ва маҳдуд менамояд.

Ашхоси расмии давлатӣ, аз ҷумла аъзои Кумитаи Амнияти Давлатӣ, масҷидҳоро дар саросари кишвар назорат мекунанд. Ашхоси расмӣ дар маросимҳо ишитирок варзида, ба сухангӯии имомон ва намозгузорон гӯш медиҳанд, сабтҳои овозӣ ва видеокассетаҳоро истимоъ менамоянд, то ки мавҷуд будани ақидаҳои эҳтимолан экстремистӣ ва зиддиҳукуматиро бифаҳманд. Ашхоси расмӣ инчунин ҷашнҳои арӯсӣ ва маросимҳои дафнро тибқи қонун дар бораи танзими расму оинҳо назорат мекунанд. Илова бар он, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бачагонро аз масҷидҳо меронанд. Маҳдудият оиди таҳсилоти мазҳабии хонагӣ боқӣ мемонад.

Дар соли 2008, ҳукумати Тоҷикистон собиқ сардори Шӯъбаи Корҳои Динро ба ҳайси раиси Маркази Исломӣ таъин кард, ки он аз болои муассисоти динии кишвар назорат мебарад. Дар соли 2004, аз ҷониби Шӯрои Уламо, ки таҳти таъсири хукумат қарор дорад, оид ба манъ кардани намоз гузоштани занон дар масҷидҳо фатво содир карда буд, ки он ҳоло ҳам амал мекунад ва тибқи баъзе гузоришҳо масҷидҳои сабти ном нашуда то ба ҳол ба занҳо иҷозати дар масҷид намоз гузоштанро медиҳанд. Ҳарчанд ки Шӯро фатвои худро бо анъаноти таърихии мамлакат асоснок кардааст, баъзе нозирон гуфтаанд, ки ин як қарордоди дорои заминаи сиёсӣ буд, то дастрасии занонро ба Ҳизби Наҳзати Ислом, ки ҳизби оппозитсионии қонунист, кам кунанд ва инчунин имкони таълими динӣ додани фарзандонашонро маҳдуд созанд.

Аз соли 2007 ба инҷониб, Вазорати маориф ба духтарон пӯшидани ҳиҷобро, ки сарпӯши исломист, дар мактабҳои давлатӣ ва донишгоҳҳо манъ кардааст. Гарчанде ки ин мамнӯият дар қаламрави кишвар ба таври номунтазам татбиқ мешавад, муҳассилин ва омӯзгорони ҷинси зан барои пӯшидани ҳиҷоб мавриди таъқиб қарор мегиранд. Заноне, ки ҳиҷоб мепӯшанд, метавонанд бо мақсади мушаххассозии расмӣ аксбардорӣ карда шаванд, алахусус ҳангоми ҳаҷ. Бо вуҷуди ин, гузоришоте мавҷуданд, ки мақомот ба занон барои ошкоро пӯшидани абзори сари ғайрианъанавӣ монеъ мешаванд. Дар моҳи январи соли 2008, ҳукумат ягона муассисаи олии таҳсилоти динии кишвар - Донишгоҳи Исломиро, ки пештар мустақил буд, миллӣ гардонид. Ҳукумат онро зери идораи Вазорати маориф қарор дод ва мударрисон аз таҳқиқи идеологӣ гузаронида шуданд.

Дар моҳи феврали соли 2009, Суди олии Тоҷикиистон салафия ва адабиёти салафиро манъ кард. Ягон нафар мусулмони салафӣ ба содир кардани кирдори ҷиноятӣ

муттаҳам дониста нашудааст, аммо тибқи гузоришот, як нафар корманди кумитаи корҳои дин тазаккур додааст, ки салафиён метавонанд дар оянда зиёновар шаванд. Қарори Суди Олӣ интишор нашудааст, аммо гуфта мешавад, ки ҳадаф аз он ҳимоя кардани тартиботи конститутсионӣ, пурзӯр сохтани амнияти кишвар ва пешгирӣ кардани низоъҳо дар заминаи мазҳабӣ будааст.

Аз соли 2000, ҳукумати Тоҷикистон Ҳизб-ут-таҳрирро (ҲТ), ки як созмони хело таҳаммулнопазир буда, бадбиниро нисбати Ғарб, мусулмонони мӯътадил, яҳудиён ва ғайра тарғиб мекунад, манъ кардааст. Дар соли 2008, Суди Олии Тоҷикистон қарор баровард, ки ҲТ созмони экстремистӣ мебошад ва ба ин тариқ барои шадидтар кардани маҳдудиятҳо нисбати ҳузури онҳо дар интернет ва истифода аз васоити ахбори омма заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Бо вуҷуди набудани исботи қонунии даст доштани дар амалҳои ҷиноятӣ, дар соли 2008 мақомоти Тоҷикистон боздошт, ҳабс ва маҳкум кардани аъзои ҲТ-ро идома доданд, ки нисбати онҳо ҳукми ҷой додан дар маҳбас ба муддати то 12 сол имконпазир аст.

Ҳамзамон, ҳукумат мамнӯияти чопи мавод бо хати арабиро аз тарафи нашриётҳои давлатӣ лағв кард, аммо танҳо дар сурате, ки ашхоси расмии давлатӣ ин гуна маводро таҳдидкунанда наҳисобанд.

*Аққалиятҳои мазҳабӣ*

Дар соли 2007 мамнӯият нисбати Шоҳидони Йеҳова ва ду калисои протестантӣ - калисои Эҳё ва Маркази ҳаёти пурмӯҳтавои насронӣ - боқӣ монд.
Ҳарчанд Шоҳидони Йеҳова аз соли 1994 сабти ном шудааст, Вазорати фарҳанг ин гурӯҳро дар соли 2007 бо иттиҳоми вайрон кардани сарқонун ва қонун дар бораи дин манъ кард. Дар соли 2008, суди шаҳри Душанбе ин қарордодро тасвиб кард. Калисои Грейс Сунмин ҳуқуқи даъворо нисбати мусодираи амволаш аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ аз даст дод ва ба он оид ба холӣ кардани калисояш фармон содир шуда аст.

Вазорати фарҳанг инчунин адабиёти динии созмонҳоеро, ки онро ғайримақбул меҳисобад, манъ кардааст, аз ҷумла ин ба Шоҳидони Йеҳова тааллуқ дорад. Дар моҳи апрели соли 2008, ҳукумати Тоҷикистон иҷозаи ворид кардани як маҷмӯъ китобҳоро аз ҷониби як созмони баптистӣ рад кард, зеро ҳаҷми ин маҷмӯъ ба шумораи аъзоёни созмон мутаносиб набуд.

Дар соли 2008, калисои Ҳаёти Пурмӯҳтаво ва ягона синагогаи кишвар дар Душанбе бо булдозер тахриб карда шуданд; аҳли ҳеҷ кадоме аз ин муассисаҳо барои тахриби биноҳо ҷуброн нагирифтаанд. Гуфта мешавад, ки раввин аз мақомот хоҳиш кардааст, ки ба ҷамъият иҷозат диҳанд, то синагогаро худашон хишт ба хишт бикашанд, аммо сармуҳандис инро таҳаммул накардааст ва амр додааст, ин кор бо булдозерҳо анҷом дода шавад. Ҷомеаи яҳудиён маҷбур шудааст, ки ибодати динӣ ва барномаи кӯмаки озуқавории худро қатъ кунад.

Дар конфаронси САҲА дар соли 2008, ҳайати намояндагии Тоҷикистон бо ишора ба ҷудо будани давлат ва дин изҳор кард, ки аз ин сабаб давлат наметавонад барои бино ҷуброн пардохт кунад. Пас аз ин тахриб, ҷомеаи яҳудиён наметавонист маросимҳои маҳзабии худро гузаронад. Як ҳафта пеш аз ба имзо расидани қонуни дин, ба ҷомеаи яҳудиёни Душанбе биное ба сифати синагога тақдим карда шуд ва он дар айни замон барои ибодат истифода мешавад. Аммо, бинои нав на ба сифати ҷуброн аз ҷониби шаҳрдории Душанбе , балки аз ҷониби як тоҷир, ки тибқи баъзе иттилоот бародари ҳамсари Эмомалӣ Раҳмон мебошад дода шудааст.

Илова бар он, ашхоси расмӣ баъзан дар васоити ахбор чунин ақидаеро баён мекунанд, ки аққалиятҳои мазҳабӣ ваҳдати миллиро халадор мекунанд.

**Тавсияҳо оид ба сиёсати ИМА**

Комиссия ба ҳукумати ИМА тавсия медиҳад, ки:

- аз Тоҷикистон ва алахусус аз Президент Эмоммалӣ Раҳмон даъват ба амал орад, ки ӯҳдадориҳои байналмилалиашро нисбати озодии дин ё эътиқод ва инчунин ҳуқуқҳои аъзои ҳама гурӯҳҳои солеҳи диниро дар кишвари худ ба пуррагӣ риоя намояд;

- бо мақомоти мувофиқи Тоҷикистон, ки масъули умури динӣ ва ҳуқуқи башар мебошанд ва инчунин бо вакилони парлумони Тоҷикистон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ ҳамкорӣ намоянд, то ки ба қонуни нав дар бораи дин, бо мақсади мутобиқ сохтани он ба ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон оиди озодии дин ё эътиқод, тағирот ворид карда шавад;

- назорати мурофиаҳо нисбати пешвоёни ҷомеаҳои диние, ки сабти номашон лағв шудааст идома диҳад ва бо ҷомеаи байналмилалӣ ҷиҳати гузаронидани омӯзишҳо оид ба қонунҳои шаҳрвандӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ҳамкорӣ намояд;

- аз ашхоси расмии ИМА в аинчунини аз ҳайати намояндагии ИМА дар САҲА даъват ба амал орад, ки вайронкунии тасмимоти САҲА оид ба ҳуқуқҳои башар, аз ҷумла нисбати озодии дин ё эътиқод, аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон ба таври оммавӣ интиқод кунанд; ва

- аз намояндагии САҲА дар Тоҷикистон даъват ба амал орад, ки ба вайронкуниҳои озодии дин ё эътиқод чун пешина таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кунад ва дар ин робита барномаҳои мушаххас амалӣ созанд, аз ҷумла тавассути гузаронидани омӯзишҳо бо кормандони васоити ахбори маҳаллӣ оид ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ.